**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”:**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
_____________ Ибодуллозода А.И.
“___” ___03___ соли 2025

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи «Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Муҳиммияти мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ коркард гардида, он дар амалияи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тасвибу тасдиқ гардидааст.

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович, ки дар он баррасии масъалаҳои имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ анҷом ёфтааст, ба самтҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогика умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 4* – “Назария ва консепсияҳои таълим” (консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим), *банди 6* – “Консепсияҳои таълим” (технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълим; равандҳои инноватсионӣ дар таълим), *банди 7* – “Педагогикаи амалӣ” (тағйироти низомӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла моҳият, сохтор ва вазифаҳои он) мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.** Мубрамии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар омезиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводҳо, таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, муайян намудан ва истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад, объект, предмет ва вазифаҳои таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда дар заминаи кори озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ коркард карда, татбиқи он дар нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар таҳияи амалияи диссертатсия баррасӣ гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқотро довталаби дараҷаи илмӣ дуруст муайян карда аст, ки он коркард ва санҷиши таҷрибавии моделҳо ва имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омузгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ мебошад ва мутмаинем, ки унвонҷӯй ба мақсади дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил шудааст.

Таҳлилу арзёбии диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович аз он далолат мекунад, ки мавсуф дар воқеъ аз ухдаи коркарди илмии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобкардааш баромада, дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ моҳияти мафҳуми ҳаракатии касбии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро таҳқиқ намудааст, технологияҳои инноватсионии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ таҳия намудааст, модели ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ ва ба таври тачрибавӣ санҷидани самаранокии татбиқи онро коркард кардааст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар рисола шароитҳои педагогие, ки барои бомуваффақият ташаккул додани ҳаракати касбии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо роҳи такмили ихтисоси дохилимактабӣ заруранд, ҳадафи асосии омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ дар шароити кунунии ҷумҳуриамон мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шуда, ҳадафҳо, принсипҳо, ҷанбаҳои сохторӣ,

шароит ва технологияи татбиқи онҳо ҳаллу фасл шудааст. Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии Аминов Муслиҳиддин дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони муосири аз донишҳои педагогӣ ва технологияҳои инноватсионии таълим бархӯрдор дар заминаи Стратегияи миллии рушди таҳсилот то давраи соли 2030, Барномаи давлатии рушди низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2023, ки дар низоми таҳсилоти кишвар, махсусан, вобаста ба маданияти педагогӣ ва салоҳиятнокии касбии онҳо асос меёбад, коркард ва пешниҳод шудааст.

Зимни таҳлили раванди татбиқи имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ, ки воқеият ва эътимоднокии баррасии илмии раванди таълимро дар муассисаҳои таълимӣ таъмин мекунанд, низ риоя карда шудаанд.

Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ ошкор ва ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок шудаанд.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро ба монанди: ҷустуҷӯ, муайянсозӣ ва асоснокуниии роҳу усулҳои самараноки имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ, зимни таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ муайян намудани моҳият ва мазмуни истилоҳи омодагии омӯзгор ин фан ва амсоли онро ба риштаи таҳқиқ ва пажуҳиш кашидааст. Тазаккур медиҳем, ки унвонҷӯй дар ҳалли масоил ва вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил ва комёб шудааст.

Муаллифи диссертатсия фарзияи илмии таҳқиқотро воқеъбинона, аз нигоҳи илмӣ-назарӣ пешбинӣ карда чунин мешуморад, ки раванди ташаккули ҳаракати касбии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ ба таври самаранок татбиқ мегарданд, агар, низоми муосири такмили ихтисоси омӯзгорон бояд дар худ як низоми чандирӣ ва динамикиеро таҷассум намояд, ки ба талаботи ин ё он муассисаи таълимии мушаххас ҷавобгӯ буда, салоҳиятнокии касбию педагогии омӯзгорро ба назар гираду фаъолияти

худро махсусан бахри ташаккули ҳаракати касбии онҳо низ равона созад; асосҳои назариявии гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмошии модели амалкунандаи такмили ихтисоси дохилимактабӣ, рушди такмили ихтисоси омӯзгорон бо ҳадафи мушаххас, равишҳо, принсипҳо ба роҳ монда шавад; бо истифода аз такмили ихтисоси дохилимактабӣ дар асоси модели пешниҳодшуда дастгоҳи абзорӣ барои муайян кардани афзоиш ва самаранокии технологияи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсис дода шавад; бо ёрии такмили ихтисоси дохилимактабӣ воситаҳои технологияҳои муосири педагогӣ барои ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян ва татбиқ карда шаванд.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озоишӣ анҷомдодаи унвонҷӯй аз он дарак медиҳад, ки фарзияҳои пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии ташакули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ» моҳият, мундариҷа ва проблемаҳои ҷойдошта дар ин самт андешаҳо баён гардидааст. Дар боби мазкур на танҳо мундариҷаи амсилаи пешниҳодшуда бо тартиби муайян гуруҳбандӣ карда шудааст, балки ҳар як қисму ҷузъи он тавзеҳ дода шуда, татбиқи он мушаххасан таъкид гардидааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки маҳз фаъолнокӣ, мутобиқшавӣ, ошкорбаёнӣ, муоширатнокӣ, эҷодкорӣ, салоҳиятнокӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини назариявӣ ва амалияи педагогӣ дар марҳилаи имрӯза буда, шарти асосии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар рафти кори иттиҳодияҳои методӣ такмили ихтисоси омӯзгорон мебошад.

Боби дуюми диссертатсия «Корҳои таҷрибавию озмоишӣ оид ба ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ» мебошад ва оид ба масъалаҳои шароити педагогии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ (банди якум); технологияҳои инноватсионии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ (банди дуввум); мундариҷа ва натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ – озмошӣ оид ба ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ (банди саввум) баҳс мекунад.

Дар рафти корҳои санҷишӣ-озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ҳалли худро ёфта, бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ арзёбӣ ва ҷамъбаст шудаанд.

Ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалиро ба анҷом расонида, натиҷаҳои ба дастомада дар таҷрибаи амалӣ дар иртибот ба татбиқи пурра ва самараноки ташаккули ҳаракати касбии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ кӯмак ва мадад хоҳад расонд.

**Навгонӣ ва аҳамияти илмиву амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия:

- дар асоси таҳлили сарчашмаҳои психологию педагогӣ мазмуни мафҳуми «ҳаракатии касбии омӯзгорон» аниқ ва сохтори онро муайян карда, хусусиятҳои фарққунандаи ҳаракати касбии омӯзгоронро ошкор намудааст;
- шароити педагогии бомуваффақият ташаккул додани ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ асоснок кардааст;
- модели ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ таҳия карда, самаранокии дар амал татбиқ намудани онро ба таври озмоишӣ санҷидааст;
- технологияҳои инноватсионии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ таҳия кардааст;
- имкониятҳои дидактикии такмили ихтисоси дохилимактабӣ оид ба ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро муайян кардааст.
- самаранокии модели ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ ба таври озмоишӣ санҷидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Маводҳои бо роҳи таҳқиқот ва дар натиҷаи корҳои озмоишӣ бадастомада, метавонанд то ҳадди имкон ба ҳайси дастуру роҳнамо ва манбаи асосӣ дар таҳқиқи минбаъдаи

ташаккули ҳаракати касбии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ истифода шаванд.

Технологияи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуд.

Инчунин, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои сатҳҳои ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ коркард ва дастгоҳи категориалии раванди ташаккули харакати касбии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо роҳи такмили ихтисоси дохилимактабӣ равшангардида, инчунин қисмҳои асосии он муайян карда шудаанд.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия касби омӯзгорӣ аз ҳар як омузгор тақозо мекунад, ки пайваста худро такмил диҳад, донишашро нав кунад, аз технологияҳои муосири таълиму тарбия истифода барад. Хамаи ин бо таълими муттасил имконпазир мегардад, ки яке аз шаклҳои он такмили ихтисос мебошад. Бинобар ин омӯзгорон бояд дараҷаи касбии худро мунтазам баланд бардоранд, ки ин яке аз аввалин манбаъхои ташаккули ҳаракати касбии омузгор ба хисоб меравад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаи илмӣ ва хулосаҳои назарию амалӣ, ки аз омӯзиш ва таҳлилу баррасии муфассали мавзуъ бармеоянд, метавонанд барои таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсии педагогӣ ва равоншиносӣ, таълифоти дигари илмӣ ва илмию оммавӣ муфид бошанд. Илова бар ин, метавон муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои такмили ихтисоси дохилимактабии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тадрис намуд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд манбаи боэътимоди муҳаққиқон ва унвонҷӯёни риштаҳои педагогика ва психология гашта, ҳангоми таълифи мақола ва рисолаҳои илмӣ аз хулосаҳою натиҷагириҳои дар рисолаи мазкур овардашуда истифода намоянд.

**Дараҷаи асоснокқунии нуктаҳои илмӣ.** Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ, психологҳо мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор ёфта, имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ ошкор ва мушаххас карда шудааст. Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зухур меёбад, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, таҳқиқот дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ ва

фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба мавзуъ ба анҷом расонида шудааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажӯҳиш, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҷаласаҳои шуъбаи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими муассисаи мазкур муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шудааст.

Мухтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ солҳои 2020-2023 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиали он дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин таҷрибаи дар кори таълиму тарбия андухташуда ба муаллифи таҳқиқот имкон доданд, ки барои марҳила ба марҳила татбиқ намудани барномаи давраи таълимии «Ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» тавсияҳо таҳия ва пешниҳод созад.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои ироанамудаи унвонҷӯй Аминов Муслиҳиддин боэътимод ва аз нигоҳи илмӣ асоснок арзёбӣ мешаванд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, махсусан мантиқи фикрронӣ қобили қайд ва эътироф аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории

озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва, ниҳоят, дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевосита дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муназзам гардонидан ва коркарди маълумоти озмоиш, омода ва интишор намудани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия ифода меёбад.

Автореферати диссертатсия ҷавобгӯи талабот буда, комилан ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф пеши назар меорад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф нуқтаи назари як қатор олимону коршиносони соҳаро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки дар ин миён нуқтаи назари олимону муҳаққиқони ватанӣ дар самти мазкур ба андешаи мо кам ба назар мерасад. Унвонҷӯ бурд мекард, агар нуқтаи назари олимонро вобаста ба мавзуи баррасишаванда таҳқиқ менамуд.
2. Дар диссертасия аҳёнан дар баъзе маврид норасоӣ ва нофаҳмогӣ дар шарҳу тафсири диаграмма ва ҷадвалхо ба назар мерасад. Беҳтар мебуд агар ин масъала дар шакли дигар ифода мегардид ё ӯнвонҷӯ онро моҳиятан тафсир менамуд.
3. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд, ки ислоҳи онҳоро зарур мешуморем.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

# ХУЛОСА

Диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи «Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳирҷон мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 14 нафар устодону омӯгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 14 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 28-уми феврали соли 2025, № 8).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мансурова Ҷ.С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Т.А.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ, номзади
илмҳои педагогӣ Арбобова Ф.

28.02.2025

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj

Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А. Самиев ва Ф. Арбобоваро
Тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.